## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Қӯзиева Раъногул Мирмуҳамадовна дар мавзӯи “Ташаккули маърифати экологии хонандагони синфҳои 5 – 9 дар ҷараёни машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз биология” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)**

Низоми муносибатҳои нави дар муҳити иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеаи муосир ба вуҷудомада бо тамоми мубрамият талаботи сифатан навро дар назди муассисаҳои таҳсилоти мамлакат ба миён мегузорад. Рақобатпазир гардонидани таълим ва дар сатҳи талаботи низоми таҳсилоти муосир омода намудани насли наврас яке аз масъалаҳои мубрами низоми маориф ба ҳисоб меравад, ки дар ин самт ҳиссаи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилотӣ мақоми муҳим дорад.

Яке аз вазифаҳои мубрами омӯзгорони имрӯза ин баланд бардоштан ва ташаккули маърифати экологии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. Ба муҳимият ва зарурияти муаммои мазкур аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори махсус дода шуда, қабул шудани як зумра санадҳои муҳими давлатӣ, аз ҷумла «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (2020), Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Барномаи давлатии тарбияи фарҳанги экологии аҳолии Тоҷикистон то солҳои 2020» (аз 2.04.2015, №178) далели равшан ва возеҳи он аст. Аз ин лиҳоз, интихоби мавзӯъ ва коркарди илмии он аз тарафи Қӯзиева Раъногул Мирмуҳамадовна дар марҳилаи кунунии рушди маориф ва илми педагогика хеле ҷолиби диққат буда, ба таҳқиқоти мубрам ва доғи рӯз маҳсуб будани он далолат медиҳад.

Рисола аз муқаддима, ду боб, хулоса, феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар муқаддимаи рисола аз тарафи муҳаққиқ дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ, зарурати таҳқиқу баррасии муаммои маводи назар, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ, сарчашмаҳо ва равиши анҷоми кори илмӣ, предмет ва объекти таҳқиқот, навгонии таҳқиқот, асоснокӣ ва боэътимодии таҳқиқот, инчунин матолиби меҳварии барои дифоъ манзуршаванда ба таври возеҳ шарҳу тафсир ёфтаанд.

Дар боби аввали рисола, ки таҳти унвони “Асосҳои илмӣ-методологии ташаккули маърифати экологии хонандагони синфҳои 5-9 дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ аз биология” номгузорӣ шудааст, масъалаҳои ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии

хонандагони синфҳои 5-9; асосҳои педагогӣ ва дидактикии ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагони синфҳои 5-9 дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ; ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон дар ҷараёни ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои беруназмактабӣ баррасӣ гардидаанд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар ҳалли ин масъалаҳои муҳими методологӣ ва назариявӣ муаллиф маҷмӯи муносибатҳо ва диди назариявӣ-методологӣ, ба монанди системанокӣ-шахсиятӣ, фаъолнокӣ ва салоҳиятнокиро истифода бурда, дар муайян кардани манбаъҳои назариявии таҳқиқот муяссар гардидааст. Дар асоси ин муносибатҳо, ва илова бар он бо муносибати нави таҳқиқотӣ-модулӣ муаллиф тавонистааст, ки моҳияти мафҳумҳои "маърифати экологӣ", масъалаи муҳимият ва зарурияти ташаккули минбаъдаи малакаву маҳорати маърифати экологии хонандагонро, ба таври боэътимод асоснок намояд.

Боби дуюми рисола, ки "Технологияи муосири машғулиятҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабии синфҳои 5-9 дар ҷараёни омӯзиши фанҳои умумибиологӣ" номгузорӣ шудааст, ба таҳқиқи масъалаҳои нақш ва мақоми донишҳои экологӣ дар ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ ва маърифату фарҳанги экологии хонандагон; машғулиятҳои беруназсинфӣ ва нақши онҳо дар ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои тарбияи маърифатию фарҳанги экологии хонандагони синфҳои 5 – 9 дар ҷараёни омӯзиши сикли фанҳои зистшиносӣ; натиҷаҳои озмоишҳои педагогӣ бахшида шудааст.

Дар раванди кори таҷрибавию озмоишӣ дар боби дуюми рисола аз тарафи муаллиф шароит ва омилҳои дарёфт ва ташаккули методҳои самараноки ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ ва маърифату фарҳанги экологии хонандагон дар машғулиятҳои беруназсинфӣ дар асоси дохилкунӣ ва истифодаи воситаҳои нави таълимӣ муайян карда шудааст ва ҳадафи озмоиш гардидааст.

Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳод гардида, бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назарӣ ва эмперии таҳқиқот, инчунин таҳлили шароит ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, тасдиқи нуктаҳои дар фарзияи таҳқиқот пешниҳод гардида, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба вазифаҳои марҳалаҳои асосии тадқиқот мутобиқ ва таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст.

Натиҷаҳои боэътимод, хулосаҳои назариявӣ ва асоснокии корҳои озмоишӣ, ки аз тарафи муаллифи рисола басо дар сатҳи зарурии пойгоҳи илмӣ ба даст оварда шудааст аз моҳияти баланди арзишманди илмӣ доштани диссертатсияи тақризшаванда гувоҳӣ медиҳад.

Дар умум, муаллиф ҳадафҳои гузоштташудаи таҳқиқотро пурра ҳал намудааст, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот асосноканд, мундариҷаи рисола мутобиқи назари мантиқӣ шакл гирифтаанд ва муаллиф соҳиби қобилияти хуби илмофарӣ мебошад.

Дар асоси гуфтаҳои болоӣ хулоса кардан мумкин аст, ки диссертатсияи Қӯзиева Раъногул Мирмуҳамадовна дар мавзӯи "Ташаккули маърифати экологии хонандагони синфҳои 5 – 9 дар ҷараёни машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз биология" кори таҳқиқотии мустақилона анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи Низомнома оид ба "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ"- и КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комилан ва пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он Қӯзиева Раъногул Мирмуҳамадовна ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) шоиста аст.

Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи
педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "ДДХ
ба номи акад.Б.Ғафуров" Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович

**Суроға**: 735700, ш. Хуҷанд, гуз.Мавлонбеков 1. Тел.+992-927717870.
Почтаи электр. Sharofzod1954@mail.ru

*Имзои Ш.А.Шароповро тасдиқ мекунам.*
*Сардори РК ва КМ–и МДТ "ДДХ*
*ба номи акад.Б.Ғафуров"* *Наврузов Э.М.*
05.12.2022с.